Ба Шурои диссертатсионии
6D.КОА-012 назди Донишгоҳи
давлатии тиҷорати
Тоҷикистон

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода дар мавзӯи “Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)

## 1. Мубрамияти мавзуи диссертатсия.

Дар шароити мусоир соҳибкории истеҳсолӣ яке аз захираҳои стратегии таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад ва ягон давлат аз ин гуна сарчашмаи тараққиёт даст кашида наметавонад. Дар баробари ин соҳибкории истеҳсолӣ ба ҳалли муаммоҳои мубрами иқтисодӣ, ба монанди таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти худӣ, шуғли аҳолӣ, баландбардории некуаҳволии халқ, дигаргунсозии сохтори иқтисодиёт, афзоиши содирот ва васеъкунии воридотивазкунӣ мусоидат намояд. Бинобар ҳамин бе фаъолгардонии рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва муҳайё кардани шароити мусоид рушди иқтисодиётро таъмин кардан мушкил мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки ташаккули иқтисодиёти саноатӣ-аграрӣ ва ҳалли ҳадафи чоруми стратегияи миллии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама бо самаранок истифодабарии имкониятҳои мавҷудаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ вобастагии зиёд дорад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ тасдиқ мекунад, ки яке аз самтҳои муҳими таъмини рушди соҳибкории истеҳсолӣ ин ташаккул додани минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ яке аз воситаҳои муҳими сиёсати давлатӣ ба ҳисоб рафта, ба ҷалб

кардани сармоягузорӣ ва рушди иқтисодии маҳалл мусоидат мекунад. Таҳлилҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки имкониятҳои рушди соҳибкории истеҳолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ то имрӯз ба таври кофӣ мавриди истифода қарор нагирифтаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқот, омӯзиш ва зоҳирсозии заминаҳои рушди соҳибкории истеҳолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои суръат бахшидан ба рушди иқтисодиёти кишвар муҳим ва аҳамиятнок арзёбӣ карда мешаванд.

## 2. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Мавзуи кори диссетатсионии ба ҳимоя пешниҳодшудаи Абдураҳмон Ҳакимзода аз рӯи мазмун, мундариҷа, навгонӣ ва натиҷаҳои диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи номгӯи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти соҳибкорӣ) мувофиқат мекунанд: 8.1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; 8.5. Ташаккул ва рушди шаклҳои соҳибкорӣ; 8.6. Инфрасохтори соҳибкорӣ; 8.14. Ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва 8.16. Маблағгузории фаъолияти соҳибкорӣ мутобиқ мебошад.

## 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Ба навовариҳои назарраси илмии диссертатсия нуқтаҳои зерин тааллуқ доранд:

1. Дар асоси омӯзиши адабиёти зиёди иқтисодӣ ва таҳқиқи ақидаҳои олимони соҳа, муаллиф дар диссертатсия нақши соҳибкории истеҳсолиро дар низоми иқтисоди миллӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, мафҳуми иқтисодии соҳибкориро чунин таъриф намудааст: “соҳибкорӣ ин фаъолияти самараноки иқтисодие мебошад, ки барои истеҳсоли молу хизматрасониҳо, харид ва фурӯш ба мизоҷон бо мақсади ба даст овардани фоидаи имонпазир ташкил карда мешавад”.

Ба андешаи муаллиф, дар шароити муносибатҳои бозорӣ ва расидан ба рушди устувори иқтисодии мамлакат, рушди соҳибкории истеҳсолӣ ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷамъиятро таъмин намуда, барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳтар гардонидани некӯаҳволии мардум, ғанӣ гардонидани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, ворид намудани технологияи муосири инноватсионӣ, тақвият бахшидан ба суръати рушди иқтисодии минтақаҳои қафомонда ва омода намудани мутахассисони баландихтисос шароити мусоид фароҳам меоварад.

2. Муаллиф таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолиро дар МОИ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, имкониятҳои истифодаи онро дар таҷрибаи ватанӣ аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намудааст. Ҳамзамон, аз ҷониби муаллиф механизми фаъолияти МОИ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ муқоиса шуда, афзалиятҳои рақобатӣ муайян карда шуда, истифодаи таҷрибаи бойи ташаккул ва рушди фаъолияти самараноки МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

3. Аз таҳлилҳои муаллиф бармеояд, ки саҳми МОИ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, воридоти технологияи муосири инноватсионӣ, истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ тадриҷан афзоиш ёфтааст. Дар натиҷа муаллиф муайян намудааст, ки саҳми МОИ дар нишондиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ 0,42% ва дар маҷмӯи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 1,1%-ро ташкил намуда, ҳамасола тамоили зиёдшавӣ дорад.

4. Дар дисертатсия муаллиф бо истифода аз усулҳои таҳлили SWOT, экспертӣ, муқоисавӣ ва оморӣ омилҳои асосии ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ таъсиррасонро ошкор ва таҳлил

намуда, тавсияҳои мушаххас оид ба ҳалли мушкилоти соҳаро асоснок ва пешниҳод кардааст. Муаллиф мушкилоти асосии рушди соҳибкории истеҳсолиро дар МОИ муайян намудааст, ки бо инфрасохтори рушднаёфта, мавҷуд набудани захираҳои молиявӣ, шароити номусоиди табиӣ-иқлимӣ, вазъияти номуътадили сиёсӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, сармоягузории нокифояи давлатӣ, мушкилоти иттилоотонидани сармоягузорони имконпазир, рекламаи сусти имтиёз ва афзалиятҳои субъектҳои МОИ, норасоии кадрҳои баландихтисос, ҳавасмандгардонии суст ва ғайра ба алоқаманд мебошад.

5. Муаллиф дар диссертатсия самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолиро дар МОИ ошкор намуда, барои мукаммалгардонии асосҳои қонунгузорӣ, идоракунӣ, тартиби интихоб ва бақайдгирии сармоягузорон, низоми андозбандӣ ва танзими гумрукӣ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ тавсияҳои илмӣ-методӣ коркард ва пешниҳод кардааст. Ба андешаи ӯ, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ ин афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва маҳсулоти ватании ивазкунандаи воридот мебошад.

6. Дар диссертатсия аз тарафи муаллиф тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккули инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба МОИ асоснок ва таҳия шудааст.

Ҳамзамон аз ҷониби муаллиф сарчашма ва усулҳои сармоягузорӣ, ҳавасмандгардонӣ, самтҳои афзалиятнок ва имтиёзҳо барои сармоягузорони хориҷӣ ошкор гардида, тавсияҳои мушаххас барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта ва роҳҳои баланд бардоштани ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба МОИ пешниҳод гардидааст.

Хамин тарик, дар маҷмӯъ аҳамияти илмӣ-амалии масъалаҳои дар кори диссертатсионӣ зикршуда ба қадри кофӣ таҳқиқ шуда, рушди соҳибкории истеҳсолиро дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъмин менамояд.

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия

Хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда бо роҳи таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқоти назариявию таҷрибавӣ асоснок буда, ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ равона карда шудаанд.

Дараҷаи эътимоднокии хулосаҳо дар асоси маълумотҳои омории расмӣ, аз он ҷумла маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Душанбе, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудаанд, ки ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда дар бораи ҷорӣ намудани хулосаю пешниҳодҳо ба ҳисоб меравад. Дар маҷмуъ хулосаю натиҷаҳои эътимодноки бадастомада, бо истифодаи усулҳои умумии илмӣ: усулҳои сабабу натиҷа, омӯзиши омилҳо, таҳлили SWOT, таҳлили экспертӣ, таҳлили оморӣ, муқоиса ва ғайра тасдиқ гардидаанд.

Натиҷаҳои асосии илмию методӣ ва тавсияҳое, ки барои асосноккунии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ таҳия гардидаанд, дар фаъолияти субъектҳои МОИ истифода шудаанд.

Хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълим дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми таҳияи барнома, дастурҳо ва комплексҳои таълимӣ аз фанҳои соҳавии иқтисодӣ, аз ҷумла “Асосҳои соҳибкорӣ”, “Асосҳои фаъолияти тиҷоратӣ”, “Минтақаҳои озоди иқтисодӣ”, “Тиҷорати байналмилалӣ” ва ғайра татбиқ гардидаанд. Муқарраротӣ асосии илмӣ ва тавсияҳои амалии диссертатсия дар маҷаллаи илмии Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, маводҳои конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инчунин, дар дигар маҷмуаҳои илмӣ аз соли 2015 то 2023 нашр гардидаанд.

### 5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар он инъикос мегардад, ки пешниҳод ва тавсияҳои диссертант барои рушди назария ва амалияи соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ дар шароити муосир истифода шаванд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосие, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълим барои омода намудани мутахассисони равияи иқтисодӣ, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси роҳбарон, кормандон ва мутахассисони самти соҳибкорӣ ва тиҷорат истифода бурда шаванд. Инчунин, тавсия ва пешниҳодҳои муаллифро субъектҳои соҳибкории МОИ метавонанд дар фаъолияти худ васеъ истифода намоянд.

### 6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Аз таҳлили маълумотҳои муаллиф маълум гардид, ки муқаррарот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия оид ба мавзӯи таҳқиқшуда 22 мақола ва корҳои илмӣ дар ҳаҷми 12 ҷ.ч. аз ҷумла, 7 мақола дар маҷаллаҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр гардидааст.

### 7. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда чунин нуқтаҳоро пешниҳод менамоем:

1. Дар параграфи 1.3. истифодаи кадом таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои Ҷумҳурӣ ба мақад мувофиқ аст, асоснок карда нашудааст.

2. Дар параграфи 2.2. вазъи муосири фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра таҳлил карда нашудааст.

3. Дар параграфи 2.3. таҳлили SWOT-и минтақаҳои озоди иқтисодӣ гузаронида шудааст. Хуб мешуд, агар муаллиф дар ин параграф таҳлили омилҳо бо амсилаҳои иқтисодӣ-риёзӣ пурра мекард.

4. Дар параграфи 3.2. масъалаҳои ташаккули инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ пурра таҳқиқ карда нашудаанд.

5. Дар диссертатсия баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Эроду тавсияҳои овардашуда ба сатҳи баланди илмӣ ва амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонад ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

**8. Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.**

Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навоварии илмии онро ифода менамоянд. Кори диссертатсионӣ сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки асосҳои назариявию амалии рушди соҳибкории истеҳсолиро дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ такмил медиҳанд. Автореферат мӯҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намуда, дар он натиҷаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда ифода гардидааст.

## 9. Мувофиқати диссертатсия ба тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ.

Дар маҷмуъ бояд қайд кард, ки кори диссертатсионии мазкур таҳқиқоти илмии мустақилонаи пурра анҷомёфта мебошад, ки навоварии илмӣ ва аҳамияти амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Кори диссертатсионии тақризшавандаи Абдураҳмон Ҳакимзода дар мавзуи "Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" анҷомёфта буда, аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллиф Абдураҳмон Ҳакимзода дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ дода шавад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсенти кафедраи иқтисодиёти**
**корхона ва соҳибкории**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Абдуллоева Л.И.**

*Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуллоева Лола Ибодуллоевнаро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

**Суроғаи донишгоҳ:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ДМТ, к. Буни Ҳисорак,
шаҳраки донишҷӯён, бинои №9,
e-mail: TNU@ mail.ru
Тел: (+992) 221-77-11